**Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон**

# ФАРМОИШ

«05» 12 2016, № 172

Дар бораи озмуни «Китобхонаи беҳтарин» дар байни муассисаҳои давлатии таълимии соҳаи таҳсилоти ибтидоии касбии системаи Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Бо мақсади баланд бардоштани нақши китобхонаҳо дар раванди таълим, хизматрасонии китобдорӣ, иттилоотӣ – библиографӣ, таъмин намудани самаранокӣ ва ба талаботи муосир мутобиқ гардонидани фаъолияти он дар муассисаҳои давлатии таълимии соҳаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ дар асоси банди 10 Низомномаи Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 марти соли 2014, №146 тасдиқ шудааст, ф а р м о и ш  м е д и ҳ а м:

1. Низомномаи озмуни «Китобхонаи беҳтарин» дар байни муассисаҳои давлатии таълимии соҳаи таҳсилоти ибтидоии касбии системаи Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон» тасдиқ карда шавад (замима мегардад).

2. Сардори Раёсати таҳсилоти ибтидоии касбӣ ва таълими калонсолон (Гулшанов Р.), директори Муассисаи давлатии «Маркази таълимӣ - методӣ ва мониторинги сифати таълим» (Табаров Т.) вазифадор карда шаванд, ки дар ду сол як маротиба моҳҳои апрел - май дар байни муассисаҳои давлатии таълимии соҳаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ озмуни «Китобхонаи беҳтарин» - ро гузаронанд ва аз натиҷаи баргузории он ба Вазорат гузориш диҳанд.

3. Директорони муассисаҳои давлатии таълимии соҳаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ вазифадор карда шаванд, ки барои ба талаботи муосир ҷавобгӯ будани китобхонаҳо чораҳои мушаххас андешида, дар озмуни мазкур фаъолона иштирок намоянд.

4. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи муовини Вазир Мирзозода А. Н. гузошта шавад.

Вазир С. Тағойзода

# НИЗОМНОМАИ
## озмуни «Китобхонаи беҳтарин» дар байни муассисаҳои давлатии таълимии соҳаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ

Низомномаи озмуни «Китобхонаи беҳтарин» (минбаъд озмун) дар байни муассисаҳои давлатии таълимии соҳаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти ибтидоии касбӣ» ва банди 10 Низомномаи Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикстон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 марти соли 2014, №146 тасдиқ гардидааст, таҳия карда шудааст ва мақсади асосии он баланд бардоштани нақши китобхонаҳо дар раванди таълим, хизматрасонии китобдорӣ, иттилоотӣ – библиографӣ, таъмин намудани самаранокӣ ва ба талаботи муосир мутобиқ гардонидани он мебошад.

### 1. Муқаррароти умумӣ

Низомномаи мазкур мақсад, вазифаҳо ва тартиби гузарондани озмун дар байни муассисаҳои давлатии таълимии соҳаи таҳсилоти ибтидоии касбии системаи Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикстон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро (минбаъд-МТИК) муайян менамояд.

### 2. Мақсад ва вазифаҳои озмун

2.1.Мақсади гузаронидани озмун баланд бардоштани нақши китобхонаҳо дар раванди таълим, хизматрасонии китобдорӣ, иттилоотӣ - библиографӣ, таъмин намудани самаранокӣ ва ба талаботи муосир мутобиқ гардондани он дар МТИК мебошад.

2.2. Вазифаҳои асосии озмун:

- муайян кардани китобхонаи воқеан ҳам фаъолияти самарабахшдошта ва мутобиқи талаботи муосир муҷаҳҳазшуда;
- баланд бардоштани мақоми китобхона ҳамчун манбаи ташаккули мавқеи шаҳрвандӣ, ватандӯстӣ, нигоҳдорӣ ва рушди арзишҳои маънавӣ, таърихӣ ва фарҳангӣ, дониш ва маърифати ҳайати кормандони муҳандисӣ - омӯзгорӣ ва хонандагони МТИК;
- фаъол гардондани кори китобхонаҳо, инкишоф додани салоҳиятнокии китобдорон, омӯзиш ва паҳн намудани таҷрибаи пешқадами онҳо дар байни МТИК;
- ҷалби таваҷҷуҳи масъулин ба масоили рушди кори китобдорӣ, таъмин намудан бо китобҳои дарсии тахассусӣ, умумитаълимӣ, бадеӣ ва дигар маводи таълимӣ, нашрияҳои даврӣ.
- дарёфти роҳу усулҳои муосири инноватсионӣ ва фароҳам овардани шароити мусоид барои инкишофи китобхонаҳои муассисаҳои таълимӣ.

## 3. Иштирокчиёни озмун

3.1. Иштирокчиёни озмун китобхонаҳои МТИК мебошанд.
3.2. Дар ҷамъбаст ғолиби озмуни ҷумҳуриявии «Китобхонаи беҳтарин» муайян карда мешавад.

## 4. Ташкил ва гузарондани озмун

4.1. Ташкил ва доиркунандаи озмун Муассисаи давлатии «Маркази таълимӣ - методӣ ва мониторинги сифати таълим» мебошад.
4.2. Вазифаҳои Муассисаи давлатии «Маркази таълимӣ - методӣ ва мониторинги сифати таълим»:
- дастрас гардонидани фармоиши Вазири меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз «05» декабри соли 2016, №172 «Дар бораи озмуни ҷумҳуриявии «Китобхонаи беҳтарин» дар байни муассисаҳои давлатии таълимии соҳаи таҳсилоти ибтидоии касбии системаи Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикстон» ба МТИК ва таъмини иҷрои он;
- ҷамъоварӣ намудани маводи пешниҳодшуда (мавод ва навори видеоӣ) ва ба ҳайати ҳакамон манзур намудани он;
- ташкил ва баргузор намудани ҷаласаҳои ҳайати ҳакамон ва таҳия кардани лоиҳаҳои суратмаҷлисҳои он;
- таъмини ошкорбаёнӣ дар раванди ташкил, гузарондан ва ҷамъбаст кардани натиҷаҳои озмун;
- сари вакт ва воқеъбинона баррасӣ намудани мурочиатҳо ва арзу шикоятҳои иштирокчиёни озмун.
4.3. Озмун дар д усол як маротиба моҳҳои апрел-май дар байни МТИК гузаронида мешавад.

## 5. Ҳайати комиссияи озмун

5.1. Ҳайати комиссия бо мақсади муайян намудани ғолибон тибқи унвонҳо ва ҷамъбаст намудани озмун таъсис дода мешавад.
5.2. Ҳайати комиссия иборат аст аз :
- директори Муассисаи давлатии «Маркази таълимӣ - методӣ ва мониторинги сифати таълим» - **раис**;
- муовини сардори Раёсати таҳсилоти ибтидоии касбӣ ва таълими калонсолони Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон - **муовини раис**;

**Аъзои комиссия**:
- муовини директори Муассисаи давлатии «Маркази таълимӣ - методӣ ва мониторинги сифати таълим;
- сардори шуъбаи таълимӣ - методии Муассисаи давлатии «Маркази таълимӣ - методӣ ва мониторинги сифати таълим»;
- сардори шуъбаи мониторинги сифати таълими Муассисаи давлатии «Маркази таълимӣ - методӣ ва мониторинги сифати таълим»;

- мудири бахши рушд ва инноватсияи Муассисаи давлатии «Маркази таълимӣ - методӣ ва мониторинги сифати таълим»;

- мудири табъу нашри Муассисаи давлатии «Маркази таълимӣ - методӣ ва мониторинги сифати таълим»;

- китобдори Муассисаи давлатии «Маркази таълимӣ - методӣ ва мониторинги сифати таълим»;

- раиси Шӯрои директорони муассисаҳои давлатии таълимии соҳаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ;

- муовини раиси Шӯрои директорони муассисаҳои давлатии таълимии соҳаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ (вилояти Хатлон);

- муовини раиси Шӯрои директорони муассисаҳои давлатии таълимии соҳаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ (вилояти Суғд).

5.3. Вазифаҳои ҳайати комиссия:

- омӯзиш ва баҳогузорӣ намудани мавод ва навори видеоии ба озмун пешниҳодгардида аз нуқтаи назари мутобиқати онҳо ба ҳадафу вазифаҳои озмун ва шиносоӣ ба фаъолияти китобхонаҳои муассисаҳои таълимӣ дар ҷояш;

- омӯзиш ва баҳогузорӣ намудани ҳолати воқеии китобхонаҳои муассисаҳои таълимӣ - иштироккунандагони озмун;

- муайян кардани ғолибони озмун;

- ҷамъбаст намудани натиҷаҳои озмун;

- иштирок дар маросими мукофотонидани ғолибон.

## 6. Тартиби гузаронидани озмун ва муайян намудани ғолибон

6.1. Озмун санҷишҳои зеринро дар бар мегирад:

- арзёбии фаъолияти китобхонаи МТИК мутобиқи мавод ва навори видеоии пешниҳодшуда;

- шиносоӣ бо фаъолияти китобхонаи МТИК дар ҷояш;

6.2. Натиҷаҳои баҳогузорӣ ба раиси ҳайати ҳакамон пешниҳод карда шуда, раиси ҳайати комиссия холҳои барои ҳар як китобхонаи МТИК муқаррарнамудаи аъзои ҳайати комиссияро ҷамъбаст мекунад.

6.3. Ғолиби озмуни «Китобхонаи беҳтарин» ва сазовори ҷойҳои 2 ва 3 мутаносибан аз рӯи ҷамъбасти холҳо муайян карда мешаванд.

6.4. Ғолиби озмун ва сазовори ҷойҳои дуюм ва сеюм эътироф гардидани китобхонаҳо бо суратмаҷлиси ҷаласаи ҳайати комиссия ба расмият даровардa мешавад.

6.5. Дар сурати баробар будани холҳои бадастовардаи китобхонаҳои МТИК қарор дар бораи ғолиб аз тариқи овоздиҳии кушода қабул карда шуда, ҳамон китобхонаи МТИК ғолиб дониста мешавад, ки ба тарафдории он аз нисф бештари аъзои ҳайати комиссия овоз додаанд.

## 7. Мукофотонидани ғолибони озмун

7.1. Ғолиби озмун бо Дипломи дараҷаи якум ва мукофот сарфароз гардонда мешавад. Сазовори ҷойҳои дуюм ва сеюм мутаносибан бо

дипломҳои дараҷаи дуюм ва сеюм, инчунин мукофотҳои ҳавасмандгардонӣ қадр карда мешаванд.

7.2. Номи китобхонаи МТИК-и ғолиб ва сазовори ҷойҳои дуюм ва сеюм дар сомонаи интернетии Муассисаи давлатии «Маркази таълимӣ - методӣ ва мониторинги сифати таълим» ба нашр расонда мешаванд.

## 8. Маблағгузории озмун

Ташкил ва гузаронидан озмун аз ҳисоби воситаҳои молиявии дар нақшаи хароҷоти Муассисаи давлатии «Маркази таълимӣ - методӣ ва мониторинги сифати таълим» амалӣ карда мешавад.

## Меъёрҳои баҳодиҳӣ ба Озмуни «Китобхонаи беҳтарин»

| № | Меъёрҳои баҳодиҳӣ | Хол | Эзоҳ |
|---|---|---|---|
| 1. | **Таъминоти меъёрии ҳуқуқии фаъолияти китобхона** | | |
| | Санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи фаъолияти китобхона, низоми ҳуҷҷатгузорӣ (0-5) | | |
| | Уҳдадориҳои вазифавии китобдор (0-5) | | |
| | ***Баҳои ҳадди ниҳоӣ - 10 хол. Ҷамъ:*** | | |
| 2. | **Ҷиҳозонӣ ва ороиши китобхона** | | |
| | Мутобиқати китобхона ба талаботи Низомнома дар бораи фаъолияти китобхонаи муассисаҳои таълимӣ (0-5) | | |
| | Мавҷуд будани шароит барои пешбурди фаъолият (масоҳати умумӣ, ороиши эстетикӣ ва ҳолати санитарӣ-беҳдоштӣ) (0-5) | | |
| | Таъминоти моддӣ – техникии китобхона (низоми ҷойгирсозии китобҳо), гӯша ва иттилооти навгонӣ, намоиши китобҳо ва аксҳо (0-5) | | |
| | Мавҷудияти компютерҳо ва пайвасти онҳо ба шабакаи интернетӣ (0-5) | | |
| | Мавҷуд будани қироатхона (тибқи талаботи муқарраршуда) (0-5) | | |
| | Мавҷудияти ҳуҷҷатҳои баҳисобгирӣ (китоби ҳисобрасӣ, феҳраст ва картотекаҳо) (0-5) | | |
| | ***Баҳои ҳадди ниҳоӣ - 30 хол. Ҷамъ:*** | | |
| 3. | **Банақшагирӣ ва баҳисобгирии фаъолияти китобхона** | | |
| | Ҳолат ва нигоҳдории фонди китобхона (мукаммалкунии ҳамасолаи фонди адабиёти дарсии тахассусӣ, умумитаълимӣ, бадеӣ, дастурҳои методӣ ва нашрияҳои даврӣ (0-5) | | |
| | Афзоиши фонди китобхона дар ду соли таҳсил (0-5) | | |
| | Теъдоди умумии аъзои китобхона (0-5) | | |
| | Рушд ва мустаҳкамкунии шарики иҷтимоӣ дар фаъолияти китобхона (0-5) | | |
| | ***Баҳои ҳадди ниҳоӣ - 20 хол. Ҷамъ:*** | | |
| 4. | **Таъминоти ташкилӣ - китобдорӣ** | | |
| | Мавҷудияти махзани маълумоти электронӣ (0-5) | | |
| | Сатҳи омодагии касбии китобдор (таҳсилоти касбӣ) ва инъикоси эътирофи умумӣ фаъолияти китобдор (мукофот барои иштирок дар озмунҳои касбӣ) (0-5) | | |
| | Такмили шакл ва усулҳои хизматрасонӣ ба аъзои китобхона, ҷорӣ намудани шаклҳои кори инфиродӣ ва умумӣ: (0-5) | | |
| | Ташкил ва гузаронидани маҳфилҳо (0-5) | | |
| | Нақшаи дурнамои рушди китобхона (0-5) | | |
| | **Баҳои ҳадди ниҳоӣ - 25 хол. Ҷамъ:** | | |
| 5. | **Фаъолияти инноватсионӣ** | | |
| | Ояндабинии гузариш ба китобхонаи электронӣ (0-5) | | |
| | Гузаронидани конфронсҳо ва озмунҳо дар заминаи муассисаи таълимӣ (0-5) | | |
| | Ҷорӣ намудани феҳрасти электронии китобҳо (0-5) | | |
| | ***Баҳои ҳадди ниҳоӣ - 15 хол. Ҷамъ:*** | | |
| | **Баҳои ҷамъбастии ҳадди ниҳоӣ - 100 хол. Ҷамъ:** | | |